«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
д.и.х., профессор Насриддинзода Э.С.
_______________________________
«_22_»_____03_______2024с.

# ХУЛОСАИ
## Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Диссертатсия дар мавзӯи “Такмили механизми таъминоти молиявии истеҳсолоти воридотивазкунанда дар шароити муосир (дар мисоли корхонаҳои саноати хӯроквории Ҷумҳурии Тоҷикистон)” дар кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расонида шуд.

Қурбонзода Абдулло Абдуҷалол, соли таваллуд 28.07.1992, дар ноҳияи Темурмалик, вилояти Хатлон таваллуд шудааст. Соли 2014 Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ, факултети иқтисодиёт ва идоракунӣ дар соҳаи маорифро хатм намудааст. Бо назардошти қобилияти машғул шудан бо кори илмӣ, соли 2015 ба ҳайси омӯзгори факултети «Технологияи иттилоотӣ ва иқтисодиёт»-и Коллеҷи технологии шаҳри Душанбе ба кор қабул карда шудааст. Дар баробари фаъолияти меҳнатӣ, дар соли 2016 ба факултети ҳисобдорӣ ва омори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, ихтисоси баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит дохил шуда соли 2018 хатм намудааст. Соли 2019 бо фармоиши ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таҳти №438-05 аз 10.10.2019с ҳамчун докторанти PhD аз рӯйи ихтисоси 6D050600-(02)–Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: ташкил ва идоракунии корхонаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (саноат) қабул шуда соли 2022 хатм намудааст.

Роҳбари илмӣ – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳои миллии Тоҷикистон Зияева Манижа Давроновна мебошад.

Транскрипт оид ба таҳсил ва супоридани имтиҳонҳо санаи 15 майи соли 2023 дода шудааст.

Дар натиҷаи муҳокимаи диссертатсия дар мавзӯи “Такмили механизми таъминоти молиявии истеҳсолоти воридотивазкунанда дар шароити муосир (дар мисоли корхонаҳои саноати хӯроквории Ҷумҳурии Тоҷикистон)” чунин хулосаҳо бароварда шуд.

**Баҳодиҳии иҷрои диссертатсия.** Қурбонзода Абдулло Абдуҷалол дар мавзӯи “Такмили механизми таъминоти молиявии истеҳсолоти воридотивазкунанда дар шароити муосир (дар мисоли корхонаҳои саноати хӯроквории Ҷумҳурии Тоҷикистон)” ба яке аз масъалаҳои муҳим ва

муосири рушди саноати миллӣ ва таъмини рушди истеҳсолоти воридотивазкунанда бахшида шуда, бо забони илмӣ иншо гардидааст ва таҳқиқоти анҷомёфта ба ҳисоб меравад, мақсад ва вазифаҳои диссертатсия иҷро гардида, пешниҳод ва хулосаҳо асоснок гардидаанд.

**Иштироки шахсии докторант дар гирифтани натиҷаҳое, ки дар диссертатсия пешниҳод кардааст.** Дар асоснок намудани ҷанбаҳои назариявӣ-методии таҳқиқоти такомули механизми таъминоти молиявии истеҳсолоти воридотивазкунанда дар доираи назарияиҳои илмӣ, коркарди қиёсии маълумотҳои оморӣ, муайянсозии аҳаммияти истеҳсолоти воридотивазкунанда дар рушди иқтисодиёти кишвар, манбаъҳо ва механизми молиявӣ-иқтисодии корхонаҳои саноати хӯрокворӣ дар шароити муосир, нақши дастгирии молиявии давлатӣ дар татбиқи сиёсати воридотивазкунии саноати хӯрокворӣ, вазъи имрӯза ва дурнамои рушди саноати хӯрокворӣ дар Тоҷикистон, таҳлили равандҳои татбиқи механизми молиявӣ дар таъмини истеҳсолоти воридотивазкунандаи саноати хӯрокворӣ, арзёбии иқтидори захиравии соҳаи саноати хӯрокворӣ дар заминаи рушди истеҳсолоти воридотивазкунанда, такмили механизми молиявии дастгирӣ ва ҳавасмандгардонии истеҳсолоти воридотивазкунандаи корхонаҳои саноати хӯрокворӣ, равишҳои стратегии такмили механизми молиявии таъмини истеҳсолоти воридотивазкунандаи саноати хӯрокворӣ, инчунин тавсияҳои мушаххаси муаллиф вобаста ба татбиқи роҳу равишҳои ба система ва сиёсати саноатӣ таъсиррасон ифода меёбад.

**Дараҷаи асоснокии таҳқиқоти анҷомдодашуда.**

Асоснокӣ ва дараҷаи саҳеҳии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он зоҳир меёбад, ки муаллиф назарияҳо, хулосаю ақидаҳои дар таҳқиқотҳои илмии бунёдӣ ва амалии олимони ватанӣ ва хориҷӣ ифодаёфтаро дар доираи баррасии масъалаҳои такмили механизми таъминоти молиявии истеҳсолоти воридотивазкунанда истифода намуда, инчунин асосҳои методологӣ ва таҳлили равандҳои таъминоти молиявии истеҳсолоти воридотивазкунандаро бо такя ба корҳои илмии олимону муҳаққиқони ин соҳа баррасӣ ва мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Дар раванди иҷроиши кори диссертатсионӣ усулҳои зерини таҳқиқот истифода бурда шудаанд: методҳои мантиқӣ, абстрактӣ ва диалектикӣ, мушоҳидаҳои шахсӣ, оморӣ, монографӣ, таҳлили қиёсӣ, моделсозии иқтисодӣ-риёзӣ ва оияндабинӣ ва ғ.

**Навовариҳои илмии таҳқиқот**. Дар кори диссертатсионӣ натиҷаҳои зерини назариявӣ ва амалӣ ба даст оварда шудаанд, ки навоварии илмии таҳқиқотро дар асосноккунии назариявии равишҳои такмили механизми молиявии таъмини истеҳсолоти воридотивазкунандаи корхонаҳои саноати хӯркворӣ ифода карда, натиҷаҳои нисбатан аҳамиятноке, ки дорои унсурҳои навгонии илмӣ мебошанд, дар худ таҷассум менамоянд:

- дар заминаи пайдоиши таърихию илмӣ механизми молиявии таъмини истеҳсолоти воридотивазкунандаи корхонаҳои саноати хӯрокворӣ ақидаҳои назариявӣ ва баҳсҳои илмии нотамоми намояндагони мактабҳои гуногуни

иқтисодӣ, моҳияти асосии он дар «воридот» ва «ивазкунӣ» асоснок карда шуда, вобаста ба мафҳумҳои «саноатикунонӣ», «индустриаликунонӣ» ва «воридотивазкунӣ» фарзияи нави илмӣ ҳамчун бунёдкунандаи назарияи муосири механизми молиявӣ таҳия гардидааст;

- вобаста ба номувозинатии ҳаҷми содирот нисбат ба воридоти маҳсулоти хӯрокворӣ дар мамлакат муайян карда шуд, ки механизми молиявии корхонаҳои саноати хӯрокворӣ аз сарчашмаҳои молиявии давлатӣ ва худи корхонаҳо маншаъ гирифта, ҳамзамон аз рӯи аҳаммияти амалӣ, тибқи хусусият, маҳак ва инчунин таъиноташон гурӯҳбандӣ шуда, асоснок карда шудааст, ки ҳамаи инҳо механизми молиявии заминавӣ буда, ҷиҳати таъмини истеҳсолоти воридотивазкунандаи корхонаҳои саноти хӯрокворип мамлакат бештар истифода бурда мешаванд;

- раванди устуворгардонии мавқеи механизми молиявӣ ва омилҳои асосии таъмини истеҳсолоти воридотивазкунандаи корхонаҳои саноати хӯрокворӣ, ҷиҳати татбиқи сиёсати давлатии воридотивазкунӣ муайян карда шуда, асоснок карда шудааст, ки чораҳои нави дастгириҳои давлатии молиявӣ дар самти ташкили шароити молиякунонии бизнес (бахши хусусӣ) барои стратегияи рушди молиявии корхонаҳои соҳа ҷиҳати таъмини истеҳсолоти воридотивазкунанда заминаи муҳим мегузорад;

- вазъи имрӯза ва дурнамои рушди саноати хӯрокворӣ дар Тоҷикистон дар асоси истифодаи механизми молиявии гуногунаҳамият дар сохтори соҳавии соҳаи саноати мамлакат ошкор карда шуда, хусусиятҳои истифодаи механизми молиявии қарзӣ, субсидикунонӣ ва дигар дастгириву ташаббусҳои ҳавасмандиҳои молиявии давлатӣ муайян ва асоснок карда шуда, сатҳи зарурии таъмини истеҳсолоти воридотивазкунии маҳсулоти корхонаҳои саноати мамлакат муайян карда шудааст;

- равандҳои татбиқи механизми молиявӣ дар таъмини истеҳсолоти воридотивазкунандаи саноати хӯрокворӣ таҳлил гардида, бо назардошти ғайричашмдошт тағйир ёфтани вазъи бозорҳои озуқаворӣ, эълон гардидани таҳримҳо ва эмбарго ба маҳсулот ё ашёи хоми саноати хӯрокворӣ дар бозори ҷаҳонӣ, коҳишёбии ҳаҷми захираҳои асъори хориҷӣ ва инчунин маҳдудияти рақибон дар бозор, зарурияти таъмини истеҳсолоти воридотивазкунӣ тавассути таҳлили қиёсии ҳаҷми истеҳсолу истеъмол, ҳиссаи маҳсулоти хӯрокворӣи воридшаванда, ҳаҷми сармоягузориҳо ва муайянсозии тавозуни воридоту содиротии маҳсулоту ашёи хоми корхонаҳои саноати хӯрокворӣи ҷумҳурӣ фаъолгардонии тамоюлҳои муваффақи воридотивазкунии маҳсулоти соҳа муайян карда шудааст;

- дар заминаи рушди истеҳсолоти воридотивазкунанда методикаи ҳисоби самаранокии механизми молиявии таъмини истеҳсолоти воридотивазкунандаи корхонаҳои саноати хӯрокворӣ таҳия гардида, тавассути таҳияи модели иқтисодӣ-риёзӣ сатҳи коррелиятсияи омилҳо ошкор карда шудааст. Оияндабинӣ карда шудааст, ки тибқи сенарияи таҳия гардида то соли 2030 ҳаҷми содироти маҳсулоти хӯрокворӣ то 29, 4% ва ҳаҷми истеҳсоли махсулоти хурокворӣ бошад то 63,2% зиёд мегардад;

- равиши стратегии такмили механизми молиявии таъмини истеҳсолоти воридотивазкунандаи саноати хӯрокворӣ ҷиҳати интихоби модели воридотивазкунии ба шароитҳои Тоҷикистон мувофиқ таҳия гардида, барои татбиқи муваффақи он зарурати беҳтаргардонии ҷалби сармоягузорӣ, ташаккули соҳибкории истеҳсолии хурду миёна, пешниҳоди субсидияҳо, қарзҳои фоизи паст дошта ё имтиёзнок, таътилу имтиёзҳои андозӣ, дастгириҳои давлатии корҳои илмию таҳқиқотӣ дар самти рушди саноати хӯрокворӣ, таҷдиди технологӣ ҷиҳати рақобатпазир гардонии маҳсулоти ватанӣ, субсидия ба содирот, қарзҳои имтиёзнок ба содиркунандагон ва механизми молиявии субсидияҳои давлатӣ ба маҳсулоти сертификатсияшуда асоснок карда шудааст;

**Алоқамандии мазмуни диссертатсия бо ихтисоси интихобшуда.** Диссертатсияи Қурбонзода Абдулло Абдуҷалол дар мавзӯи "Такмили механизми таъминоти молиявии истеҳсолоти воридотивазкунанда дар шароити муосир (дар мисоли корхонаҳои саноати хӯрокворин Ҷумҳурии Тоҷикистон)" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 - Иқтисодиёт (6D050607 - Иқтисодиёти саноат ва энергетика) Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

**Навоварӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот ба ихтисоси интихобшуда.** Навоварӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 6D050600 - Иқтисодиёт (6D050607 - Иқтисодиёти саноат ва энергетика) мутобиқат мекунад: 1. Таҳияи методҳо, механизмҳо ва афзорҳои нав, мутобиқсозии афзорҳои мавҷуда дар амалкарди иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии иттиҳодияҳои хоҷагидорӣ дар соҳаи саноат ва муҷтамаи сӯзишворию энергетикӣ; 11. Асосҳои назариявӣ ва методии таъмини рақобатпазирии истеҳсолкунандагони маҳсулоти саноатӣ, ташаккул ва рушди истеҳсолоти саноатии воридотивазкунанда ва ба содирот нигаронидашуда; 12. Ҷойгиркунӣ ва асосҳои ташкил ва баланд бардоштани самаранокии истеҳсолоти саноатӣ ва энергетика; 16. Ташаккули механизмҳои рушди устувори иқтисодиёти соҳаҳои саноат ва муҷтамаи сӯзишворию энергетикӣ. Арзёбӣ ва суғуртакунии хавфҳои субъектҳои хоҷагидории соҳаҳои саноат ва муҷтамаи сӯзишворию энергетикӣ; 17. Механизмҳои тағйирёбии шаклҳои моликияти (хусусигардонӣ, милликунонӣ, ҳамгироӣ, ғайриинҳисорсозӣ ва ғ.) иттиҳодияҳои хоҷагидорӣ дар соҳаи саноат ва муҷтамаи сӯзишворию энергетикӣ ва арзёбии арзиши бозории онҳо; 21. Афзорҳои банақшагирии ҷорӣ ва стратегӣ дар корхонаҳо ва соҳаҳои саноат ва муҷтамаи сӯзишворию энергетикӣ; 22. Механизмҳои ташаккули сохторҳои корпоративӣ дар соҳаи саноат ва энергетика. Муттаҳидсозии корхона ва агломератсияҳои саноатӣ. Методологияи таҳлил ва методикаи арзёбии самаранокии сохторҳои корпоративии соҳибкории хурд ва миёна дар соҳаи саноат ва энергетика. 23. Асосҳои назариявию методологии идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаи саноат ва

энергетика. Фаъолияти сармоягузории корхонаҳои саноат ва энергетика; 35. Асосҳои назариявӣ ва методии ташаккулёбӣ ва рушди истеҳсолоти саноатии воридотивазкунанда ва ба содирот нигаронидашуда мутобиқат мекунанд.

**Таъйиди диссертатсия ва иттилоот оид ба истифодаи натиҷаҳои он**.

Муҳтавои асосии назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар шакли маърӯза ва мақолаҳо дар конференсияҳо, семинарҳои илмӣ ва илмию амалии аҳаммияти байналмилалӣ ва ҷумҳуриявидошта дар давраи солҳои 2019-2024 пешниҳод ва баррасӣ шудаанд.

Натиҷаҳои илмии бадастовардашуда дар Коллеҷи технологии шаҳри Душанбе татбиқ карда шудаанд, ки дар раванди таълими фанҳои «Иқтисоди соҳа», «Иқтисодиёти саноат» ва «Иқтисодиёти корхона» истифода мешаванд.

**Интишори натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ** Муқаррароти асосии рисолаи таҳқиқотӣ дар ҳаҷми 10 мақола, 4,8 ҷузъи чопӣ (дар яккамуаллифӣ ва ҳаммуаллифӣ) нашр гардидааст, ки аз онҳо 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидааст.

## ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ ОИД БА МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

**А) Интишорот дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

1. **Қурбонов Г.А.** Зарурати такмили механизми молиявии рушди саноати хӯрокворӣ дар шароити муосир // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. №7, 2021- С.124-128. ISSN 2413-5151
2. **Қурбонов Г.А.** Фаъолгардонии равандҳои воридотивазкунӣ дар саноати хӯрокворпи Тоҷикистон: ҷанбаҳои молиявӣ // Кишоварз-и Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур. Бахши илмҳои иқтисодиёт дар комплексҳои агросаноатӣ. №4 (93), 2021-С.148-152. ISSN 2074-5435
3. **Зияева М.Д., Қурбонов Г.А.** Сарчашмаҳои молиявии таъмини истеҳсолоти воридотивазкунандаи саноати хӯрокворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Паёми молия ва иқтисоди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. №3 (37), 2023- С.176-184. ISSN 2663-0389
4. **Қурбонов Г.А.** Таҳлили раванди истеҳсолоти воридотивазкунанда дар корхонаҳои саноати хӯрокворпи Тоҷикистон // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. №5, 2024- С.101-108. ISSN 2413-5151

**Б) Интишорот дар дигар маҷаллаҳои илмӣ:**

5. **Қурбонов Г.А.** Вазъи имрӯза ва дурнамои рушди саноати хӯрокворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. // Маҷалаи илмии Тоҷикистон: иқтисод ва идора, илмҳои иқтисодӣ, соли 2020, №1 С.111-117.

6. **Алиев О.М., Қурбонов Г.А.** Пищевая промышленность Республики Таджикистан и её роль в обеспечении продовольственной безопасности: современное состояние и приоритетные направления развития // Маҷмуаи асарҳои илмии Ҷумҳурии Қрим дар мавзӯи «Национальные экономические системы в контексте формирования глобального экономического пространства» соли 2021. Крымский инженерно-педагогический университет имени Февзи Якубова, - г.Симферополь ИТ "Ариал", - С.94-97.

7. **Зияева М.Д., Қурбонов Г.А.** Дастгирӣ ва ҳавасмандиҳои молиявии истеҳсолоти воридотивазкунии саноати хӯроквcovӣ асоси саноатикунонии иқтисоди миллӣ // Индустриализация национальной экономики: современное состояние, проблемы и перспективы, Маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар ДМТ 2-майи соли 2023. Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Душанбе-2023, - С.47-53.

8. **Қурбонов Г.А.** Мавқеи саноати хӯрокворӣ дар рушди иқтисодиёти кишвар // Маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзӯи "Саноатикунонии босуръат ва масоили амалигардонии он дар Тоҷикистон" (ш.Душанбе 17-феврали соли 2023). Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Душанбе-2023, - С.400-404.

9. **Зияева М.Д., Қурбонов Г.А.** Муҳимияти механизмҳои молиявӣ-буҷетӣ дар раванди таъмини воридотивазкунии маҳсулоти хӯрокворӣ // Маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзӯи "Арзёбии ҳолати фаъолияти соҳибкории хурду миёна дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" бахшида ба солҳои рушди саноат 2022-2026, ш. Душанбе 6-уми майи соли 2023 дар ДДМИТ, Душанбе-2023, - С.155-162.

10. **Тағоев Б.Д., Қурбонов Г.А.** Состояние пищевой промыщленности Таджикистана: финансовые механизмы // Сборник научных трудов IX Международной научно-практической конференции "Инновационная парадигма экономических механизмов хозяйствования" г.Симферополь ИТ "Ариал" 2024 год, - С.631-634.

## ХУЛОСА:

1. Диссертатсияи Қурбонзода Абдулло Абдуҷалол дар мавзуи "Такмили механизми таъминоти молиявии истеҳсолоти воридотивазкунанда дар шароити муосир (дар мисоли корхонаҳои саноати хӯроквории Ҷумҳурии Тоҷикистон)", ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050607 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика пешниҳод гардидааст, ба шиносномаи ихтисоси 6D050607 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика ҷавобгӯ буда, дар он ҳалли муаммои илмӣ, ки аҳаммияти муҳиму афзалиятнокро дар рушди илми иқтисоди ватанӣ доро аст ва ба талаботи Низомномаи КОА назди Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй буда, теъдод ва интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он мутобиқат менамояд.

2. Диссертатсияи Қурбонзода Абдулло Абдуҷалол дар мавзуи "Такмили механизми таъминоти молиявии истеҳсолоти воридотивазкунанда дар шароити муосир (дар мисоли корхонаҳои саноати хӯроквории Ҷумҳурии Тоҷикистон)", ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050607 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика бо дарназардошти ислоҳи камбудиҳои ошкоргардида ба экспертизаи навбатӣ пешниҳод карда шавад.

Дар маҷлис иштирок доштанд 17 нафар, аз онҳо бо ҳуқуқи овоздиҳӣ 10 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 10 нафар «муқобил» - нест, «бетараф»-нест.

Хулосаи мазкур дар маҷлиси кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 21 майи соли 2024 бо суратмаҷлиси №10 қабул гардидааст.

**Раисикунанда:**
И.в. Мудири кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо
ва соҳибкории ДМТ, н.и.и., дотсент Давлатова Р.Қ.

**Котиб:**
ассистенти кафедраи иқтисодиёти
корхонаҳо ва соҳибкории ДМТ Холов А.М.

**Муқарризон:**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Ҳусайнов М.Н.
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Раҳмонов Ҷ.Р.
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Билолов Н.Қ.

«Имзои Р.Қ. Давлатова, М.Н. Ҳусайнов, Ҷ. Р. Раҳмонов, А.М. Холов ва Н.Қ. Билоловро тасдиқ мекунам»

Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Э. Ш.

«24» 05 2024с.